# ХУЛОСАИ

**комиссияи ташхиси Шӯрои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-О17-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дарачаи илмии доктори илми иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ иешниҳод шудааст.**

31.03.2023 ш. Душанбе

1. Кори диссертатсионии Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳқиқоти шахсии унвонҷӯ ба шумор меравад. Қоидаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулоса ва пешниҳодҳо, ки барои пешрафти илми иқтисод метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Татбиқи пешниҳодҳо ва тавсияҳои дар кор таҳияшуда, ки ба таҳия ва танзими тадбирҳои амнияти сармоягузорӣ дар заминаи сармоягузории хориҷӣ дахл доранд, ба рушди ҳамкориҳои байналмилалии кишвар ва рушди иқтисодии он мусоидат мекунад. Тавсияҳои дар диссертатсия зикргардидаро метавонанд дар фаъолияти худ муассисаҳои давлатии масъул ба назорати фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ ва рушди фаъолнокии сармоягузории кишвар истифода намоянд.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31,32 ва 33- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Он фарогири масъалаҳои вобаста ба амнияти миллии кишвар дар шароити тамоюлҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва таъмини амнияти сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад.

3. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба Шиносномаи ихтисоси 08.00.13- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 28 феврали соли 2023 №46/ҳ.я ҳуқуқи барои ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дода шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳо ва нуктаҳои асосии таҳқиқот дар маҷаллаҳои гуногуни илмӣ нашр гардида, аз ҷониби муаллиф 29 кори илмӣ, аз он ҷумла, 21 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34 ва 35- и Тартиби додани дараҷаи илмӣ мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсияи илмии Қодирзода Фарҳод Анвар истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровarда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар диссертатсияи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Қодирзода Фарҳод Анвар маълумотҳои ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошад.

Комиссияи ташхис мутобиқати бандҳои 60,61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Қодирзода Фарҳод Анвар дар мавзӯи «Омилҳои институтсионалии таъмини амнияти сармоягузории хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-017-и назди Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ барои ҳимояи якдафъаина қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи ташхисии Шӯрои диссертатсионӣ муқарраротй расмӣ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

- **Набиев Таҳир Толибович** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди миллии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- **Қудратов Рустам Раҳматович** – узви шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.13-Иқтисодиёти ҷаҳонӣ;

- **Ризоқулов Тӯрақул Рабимқулович** – муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор.

3. Ба ҳайси муассисаи пешбари диссертатсия Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаи Институт ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Ш.Раҳимзода**

**Аъзоёни комиссия:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Исайнов Ҳ.Р.**

доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
аъзои шӯрои диссертатсионӣ **Асрорзода У.С.**

*Имзоҳои Ш.Раҳимзода, Исайнов Ҳ.Р. ва Асрорзода У.С-ро тасдиқ мекунам:*

Инспектори калони кадрҳои ИИД АМИТ **Қурбоиов Э.Т.**